# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Ҳафтаи сипаришуда дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон баргузор гардид. Ҷаласа таҳти роҳбарии директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ сурат гирифта, дар кори он аъзоёни Шуро иштирок намуданд. Нахуст, директори муассиса бо масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ҳозиринро шинос намуда, таъкид кард, ки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии пажӯҳишгоҳ бояд дар партави нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин барномаҳои соҳавӣ ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардад. Ҳамзамон зикр шуд, ки мутобиқ намудани мавзуҳои рисолаҳои илмӣ ба талаботи муосири соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳқиқот ва пайванди натиҷаҳои илмӣ бо амалияи таълиму тарбия аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассиса ба шумор меравад.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа, гузориши мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Махкамов Д. оид ба «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва шабакаи интернетӣ (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» шунида шуд. Ҳамзамон, дар доираи масъалаҳои ҷорӣ мавзуҳои рисолаҳои илмӣ ва масъалаи таъйин намудани роҳбарони илмӣ барои як қатор унвонҷӯён баррасӣ гардид. Дар фарҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ба масъулин супоришҳои мушаххас дода шуд.











